# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна тахти унвони “Забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Хушбахтона, замони соҳибистиқлолии кишварамон барои рушди тамоми соҳаҳо шароитҳои мусоид фароҳам овардааст. Соҳиби мақоми давлатӣ гардидани забони давлатӣ яке аз чунин музаффариятҳоест, ки бо ташаббуси фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насиби мардуми тоҷик гардидааст.

Кори илмии баанҷомрасонидаи Сатторова Дилрабо Қаҳоровна, ки ба омӯзиши забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ бахшида шудааст, як таҳқиқоти нав дар илми забоншиносӣ ба шумор меравад.

Чуноне ки аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима тавсифи умумии кор, мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, навгониҳои илмии таҳқиқ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ дар робита бо забон ва услуби эҷодиёти Абдусалом Деҳотӣ дарҷ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия “Қабатҳои маъноии вожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ”** ном дошта, фарогири чор фасл мебошад. Дар ин боб муҳаққиқ калимаҳои сермаъно, муродифот мутазод ва корбурди онро дар осори Абдусалом Деҳотӣ хеле моҳирона таҳқиқ карда, муродифотро вобаста ба ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла муродифоти исмӣ, сифатӣ ва ҷуфтистеъмол ҷудо менамояд. Муваффақияти диссертант дар ин боб таҳқиқи муродифоти ҷуфтистеъмол, аз қабили: **сайру гашт, каҷу килеб, дарду хастрат, оху фиғон** ва ғайраҳо ба шумор меравад, ки ин гуна муродифҳо махз хоси услуби устод Деҳотӣ мебошад.

Муҳаққиқ дар ҳамин боб дар хусуси мутазод ва корбурди он дар осори А. Деҳотӣ сухан ронда, аз таърихи истифодаи мутазод дар осори муҳаққиқони давраҳои гуногун ёдоварӣ менамояд ва аз осори Деҳотӣ мисолҳои зиёдеро пешниҳоди хонанда менамояд.

**Боби дуюми диссертатсия “Мавқеъ ва услуби корбурди вожаҳои аслан тоҷикӣ ва вомвожаҳо дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ”** унвон гирифта дар он муҳаққиқ мавқеи калимаҳои аслан тоҷикӣ ва калимаҳои иқтибосиро, ки дар осори нависанда хело фаровон истифода шудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Масалан, калимаҳои **хоҳар, бародар, табар, теша, кабк, боз, об, кӯҳ** ва амсоли инҳо, ки ин қабил калимаҳо аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ гардидаанд. Дар ҳамин боб муҳаққиқ вомвожаҳоро дар забони арабӣ, русӣ ва туркӣ - ӯзбекӣ аз осори нависанда гирдоварӣ намуда, қайд менамояд, ки назар ба калимаҳои туркӣ - ӯзбекӣ иқтибосҳо аз забонҳои арабӣ ва русӣ дар ҳикояҳои А. Деҳотӣ бештар гардидаанд. Масалан, аз ҷониби диссертант далелҳои дар ду шакл ва 15-қолаб истифодашудани

калимаҳои арабӣ оварда шудааст, ки ниҳоят ҷолиб ва гувоҳ аз он аст,ки забони асарҳои нависанда ба меъёрҳои забони адабӣ хуб мувофиқат мекунад.

Дар ҳамин боб аз ҳикояҳои адиб фасли алоҳидае бо номи вожаҳои туркӣ - ӯзбекӣ пешниҳоди хонанда гардидааст, ки диссертант онҳоро ниҳоят мувофиқ ва дар мавқеи худ истифода кардааст.

Калимаҳои **оқсақол, келин, янга, ойтӣ, апа, ака** ва амсоли онҳо хело моҳирона бо мисолҳо шарҳ дода шудаанд.

**Боби сеюми диссертатсия "Услуби корбурди унсурҳои забон вобаста ба хусусияти иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ" ном дошта се зерфаслро дар бар мегирад".** Заҳмати Сатторова Дилрабо дар таҳқиқи ин боб шоистаи таҳсин буда, маводи гирдовардаи ӯ аз осори нависанда ниҳоят ҷолиб мебошад.

Дар зерфасли аввал калимаҳои халқии гуфтугӯйӣ вабаста ба ҳиссаҳои нутқ исм, сифат ва феъл ва дар зербоби дуюм услуби корбурди воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқ гардидааст, фаслҳои боқимонда ба воҳидҳои фразеологӣ ва таркибҳои фразеологӣ бахшида шудааст.

Дар ҳамин боб ибораҳои фразеологӣ исмӣ аз қабили **нури чашм, бори ғам, ризқу рӯзӣ** ибораҳои фразеологии феълӣ **ба дарёи ғам фурӯ рафтан, аз як гиребон сар баровардан,** инчунин, таркибҳои фразеологӣ дар осори нависанда хеле моҳирона таҳқиқ гардидаанд.

Зербоби фасли сеюм ба истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар осори нависанда бахшида шудааст. Дар ҳамин боб овардани зарбулмасалу мақолҳо аз ашъори Абдусалом Деҳотӣ ниҳоят моҳирона анҷом ёфтааст.

Фасли сеюми ҳамин боб "Зарбулмасалу мақолҳо" ном дошта, дар он муҳаққиқ аз таърихи пайдоиши зарбулмасалу мақолҳо ёдовар гардида, сипас зарбулмасалу мақолҳоро вобаста ба эҷодиёти Абдусалом Деҳотӣ, ки ниҳоят фаровон истифода шудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар автореферати диссертатсия бо вуҷуди дастовардҳои зиёди илмии муҳаққиқ баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1.Хуб мебуд, агар аз ҷониби муҳаққиқ фасли алоҳидае таҳти унвони фарқияти забон ва услуби ҳикояҳои Абдусалом Деҳотӣ дар муқоиса бо забони осори нависандаи дигари адабиёти муосири тоҷик оварда мешуд.

2.Дар ягон саҳифаи автореферат схема, диаграмма ва гистограммаҳо нишон дода нашудааст.

3.Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоиву грамматикӣ ва услубӣ ба назар мерасад (саҳифаҳои 3, 11, 16, 18, 25 ва ғ.).

Дар маҷмуъ, норасоиҳои номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро онҳо хусусияти таҳририю ислоҳшавандагӣ доранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ), осори илмиву мақолаҳои дар ин замина нашркардаи диссертант мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос ва ифода мекунанд.

Тавре ки аз феҳрасти таълифоти Сатторова Дилрабо Қаҳоровна бармеояд, ӯ доир ба мавзуи таҳқиқотии худ 9 номгӯйи корҳои илмӣ ва илмӣ - оммавӣ нашр намудааст, ки 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ҶТ ба табъ расидаанд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти мавриди назар ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сатторова Дилрабо Қаҳоровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,мудири кафедраи
забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов. Шафоатов А.Н

Суроғa: ш. Ҳисор, ҷ-д Мирзо Ризо, д. Ноҷии поён,735033. тел.
985-07-44-19;
“02” майи соли 2024

Имзои доктори илмҳои филологӣ
А. Н. Шафоатовро тасдиқ мекунам
Сардори Шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Шерализода З.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: ш. Душанбе, маҳаллаи Лучоб-53, 734053. тел. 224-73-77; факс 224 56 87. E-mail: mehrpaivand@inbox.ru.
“02” майи соли 2024